آوازتاجیک
Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

1 сентябри соли 2023
Ҷумъа
№ 70 (14977)
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ХАЛҚЕ, КИ ВАҚТРО БА ИМКОНИЯТ, ИМКОНИЯТРО БА МУВАФФАҚИЯТ, МУВАФФАҚИЯТРО БОШАД, БА АСОСИ ПЕШРАФТ ТАБДИЛ ДОДА ТАВОНИСТ, ХАЛҚИ БУЗУРГ АСТ

**31 август дар шаҳри Тошканд тантанаҳо ба муносибати сию дуюмин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон баргузор шуданд.**





Дар чорабинӣ Президент Шавкат Мирзиёев иштирок кард. Роҳбари давлат халқи моро бо ин воқеаи хотирмон муборакбод намуд.

Сарвари кишвар таъкид сохт, ки Ўзбекистон дар давраи сипаришуда, дар санҷишҳои роҳи тайнамуда обутоб ёфта, таҷрибаи зарурӣ ҷамъ овард ва чун давлати мустақиле, ки мақсад, роҳ ва мавқеи мушаххаси худро дорад, ташаккул ёфт.

– Меҳнати ҳамарўзаи шумо, азизони ман, муҳаббату садоқататон ба Ватан барои таҳкими минбаъдаи истиқлолияти Ўзбекистон хидмат мекунад. Аз ин нуқтаи назар, агар гўем, ки ҷашни истиқлол – ҷашни умумии мо, Ўзбекистони мустақил бошад, ифтихор ва шаъну шарафи умумии мост, дуруст хоҳад буд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Бешубҳа, роҳи халқи мо ба мустақилӣ, фаровонҳолии кунунӣ осон набуд. Саъю кўшишҳои сиёсӣ ва маърифатии гузаштагони мо дар самти мазкур тўли ним садсолаи охир нерў гирифтанд. Қаҳрамонони миллат, ки барои озодӣ саъй мекарданд, табъид гардиданд. Ба шарофати истиқлол номи неки онҳо барқарор карда мешавад.

То дарёфти истиқлолият тамоми иқтидори халқи мо ба хоҷагии қишлоқ равона шуда буд. Вожаи «ўзбек» ба онҳое мутааллиқ буд, ки шабу рўз дар саҳрои пахта меҳнат мекарданд. Сиёсати пахта Аралро хушк кард, низоми экологии моро ба буҳрон рў ба рў намуд, иқтисодиёт, низоми таълимро аз қолаб берун сохт.

Алҳол дар пахтакорӣ равандҳои иқтисодиёти бозаргонӣ ҷорӣ гардид, меҳнати иҷборӣ ва бачагона решакан карда шуд. Муаллим ба мактаб, духтур ба беморхона баргашт, Ўзбекистон аз «рўйхати сиёҳ»-и байналхалқӣ хориҷ карда шуд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ ТАНТАНАВИИ БАХШИДА БА 32-ЮМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

*Ҳамватанони азиз!*

*Собиқадорон, ҷавонони муҳтарам!*

*Меҳмонони муҳтарам!*

*32 сол пеш Ўзбекистон истиқлолияти худро эълон намуд. Дар замони гузашта мо бо ҳам роҳи бузургро тай намудем, машаққат ва озмоишҳои зиёдро паси сар намудем.*

*Агар ба таври образнок бигўем, кудаке, ки 32 сол пеш аз ин ба дунё омад, аллакай чун шахсияте, ки фикри мустақили худ, ҷаҳонбинӣ, орзу, ормон ва мақсадҳои худро дорад, ташаккул ёфт. Мисли ин Ўзбекистони имрўз, ки дар роҳи озмоишҳо обутоб ёфт ва таҷрибаи ногузирро касб намуд, чун давлати соҳибистиқлол ташаккул ёфт, ки мақсадҳои мушаххас, роҳ ва мавқеи худро соҳиб аст.*

*Ин дастовардҳои таърихии тамоми халқамон мебошад. Ва дар ин саҳми муносиби ҳар яки шумо ҳаст.*

***Меҳнати рўзмарраи шумо, азизони ман, ки аз муҳаббат ва садоқат ба Ватан саршор мебошад, барои мустаҳкамсозии минбаъдаи истиқлолияти Ўзбекистон хидмат менамояд. Ба ин маънӣ гуфтан дуруст аст, ки ҷашни истиқлолият — ҷашни умумии мо, Ўзбекистони соҳибистиқлол — ифтихор ва шарафи умумии мост.***

*Дар ин лаҳзаҳои эҳсосотӣ, самимона аз таҳти дил бо ҷашни бузурги имрўза муаллимон ва мураббиёни муҳтарамро, ки дар шароити гуногун ба касби худ содиқ мемонанд, ба пояҳои дониш ва илм насли наврасамонро таълим медиҳанд, духтурони шуҷоатмандамонро, ки худро барои саломатии халқ мебахшанд, деҳқонон ва фермерони кордонро, ки дар майдонҳо бо заҳмат кор карда, фаровонии мамлакатамонро таъмин менамоянд, хидматчиёни ҳарбии далерро, ки сипари Ватанамон ба шумор мераванд, соҳибкороне, ки дар роҳи рушди иқтисодиёт, баланд бардоштани некуаҳволии мардум фаъолият ва ташаббускорӣ зоҳир менамоянд, ҷавонони неруманду азмкунандаро, ки моро бо муваффақиятҳои худ шод мегардонанд, занони муҳтарамро, ки бо гармии қалб ва сифатҳои баланди инсонигарӣ қури хонаамонро гармтар мегардонанд, падарон ва модарони бошарафамонро, ки моро дар тамоми корҳоямон дуои нек мекунанд, аз Парвардигор бароямон неру ва дастгирӣ мехоҳанд, ҳамватанони азизро, ки дар кадом мамлакати ҷаҳон ҳам набошанд, бо муҳаббат ба Ватан зиндагӣ мекунанд, хуллас, тамоми мардуми 36-миллионнафарамонро табрик менамоям.*

*Ҳамаи шуморо бо Рўзи истиқлолият табрик менамоям!*

*Дўстони азиз!*

*Табиист, ки соҳиби истиқлолият, истиқлолияти давлатии Ўзбекистон гардидан осон набуд. Кўшишҳои сиёсӣ ва маърифатии гузаштагонамон дар ин роҳ дар тўли яксаду панҷоҳ сол қавӣ мегардид. Бисёр ватанпарастон, ки барои озодии Ватан мубориза бурдаанд, репрессия гардидаанд, қаҳрамонони халқ, ки барои истиқлолияти он кўшиш кардаанд, қурбони зўроварӣ ва қонунвайронкунӣ гаштаанд.*

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## ХОТИРАИ ОНҲОЕ, КИ БАРОИ ОЗОДИИ ВАТАН ФАВТИДААНД, АБАДИСТ

**Таърих, наслҳои замонавӣ ва оянда ҳеҷ гоҳ фаромўш нахоҳанд кард, ки чӣ гуна дар замони режими тоталитарӣ ҳазорон одамони бегуноҳ кушта, чӣ қадар оилаҳо парокандаву хонавайрон шуданд, чӣ қадар кўдакон ятим монданд.**

Президент Шавкат Мирзиёев субҳи барвақти 31 август ба хиёбони «Хотираи шаҳидон» омад.

Ба хотири гузаштагон аз Қуръон сура ва дуои фотиҳа қироат гардид. Палави ёдбуд пешкаш карда шуд.

Дар рўзҳои таҷлили истиқлол мардуми мо чун анъана ба хотираи ватандўстон арҷ мегузорад, муборизаи онҳоро барои озодӣ ва истиқлол, саҳмашонро барои муваффақ шудан ба рўзҳои неки кунунӣ ба хотир меоварад. Ин анъана собит месозад, ки халқи мо хидмати фидокорони Ватанро ҳаргиз фаромўш намекунад ва ҳамеша қадр менамояд.

Дар замони сохтори тоталитарӣ ҳазорҳо нафар сокинони кишвари мо ба ҷазо гирифтор шудаанд. Оилаҳо вайрон гардида, кўдакон ятим мондаанд. Танҳо тўли солҳои 1937-1938, ҳангоме ки ҷазодиҳӣ миқёси васеъ пайдо кард, тақрибан 7 ҳазор ҳамватанони мо парронда шудаанд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## МУБОРАКБОДИҲОИ САМИМӢ

***Вобаста ба воқеаи хотирмони ҳаёти халқи сермиллати мо – 32-юмин солгарди истиқлолияти давлатӣ ба номи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев аз сарони давлат ва ҳукуматҳои хориҷӣ, арбобони намоёни сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва динӣ, роҳбарони созмонҳои бонуфузи байналхалқиву минтақавӣ номаҳои табрикӣ мерасанд.***

***Шарикони хориҷӣ дар табрикномаҳои худ комёбиҳои назарраси солҳои охир бадастовардаи мо оид ба татбиқ сохтани барномаи дигаргуниҳои демократӣ ва ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодиро дар роҳи рушди миллӣ, баланд шудани нақш ва обрўйи мамлакатро дар арсаи ҷаҳонӣ махсус таъкид менамоянд.***

***Таъкид мегардад, ки ҳодисаи муҳими сиёсии ба қарибӣ баргузоршуда – қабули Сарқонуни нав аз ҷониби ҳалқи мамлакати мо бечунучаро дастгирӣ ёфтани ислоҳоти бебозгашт, ки ба бунёди Ўзбекистони Нав нигаронида шудаанд, равшан шаҳодат медиҳад.***



**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович,

Муборакбодии самимонаи маро ба муносибати ҷашни миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон – Рўзи истиқлол қабул фармоед.

Комёбиҳое, ки кишвари Шумо дар рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёт ба даст овардааст, ба ҳама маълуманд. Ўзбекистон дар арсаи ҷаҳонӣ обрўйи сазовор дорад, дар ҳаллу фасли масъалаҳои муҳими рўзномаи байналхалқӣ нақши назаррас мебозад.

Муносибатҳои байни кишварҳои мо дар рўҳи шарикӣ ва тифоқии стратегӣ бо муваффақият инкишоф меёбанд. Ҳамкориҳои тарафайни Маскав ва Тошканд дар ИДМ, СҲШ, СММ ва сохторҳои дигари бисёрҷанба натиҷаи хуб медиҳанд.

Бовар дорам, ки мо бо саъю кўшишҳои муштарак минбаъд низ робитаҳои пурмуҳтавои дуҷонибаро дар тамоми соҳаҳо – барои беҳбуди халқҳои бародари мо, ба манфиати мустаҳкам кардани амният ва эътидоли минтақавӣ ҳамаҷониба мустаҳкам мекунем.

Ба Шумо, муҳтарам Шавкат Миромонович, аз таҳти дил саломатии мустаҳкам ва комёбиҳо, ба тамоми шаҳрвандони Ўзбекистон сулҳу салоҳ ва шукуфоӣ орзу мекунам.

Бо эҳтиром,

**Владимир ПУТИН,**
**Президенти Федератсияи Русия**



**Ба Волоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам ҷаноби Президент!

Ман аз он бағоят хушам, ки ба Шумо ва халқи бародари Ўзбекистон ба муносибати 32-юмин солгарди Истиқлолияти Ҷумҳурии Ўзбекистон муборакбодии самимӣ ва хоҳишҳои беҳтарини худро ирсол менамоям.

Соли равон барои Ўзбекистон аз замони истиқлолияти худро ба даст овардан бахусус соли муҳим гардид. Дар кишвари Шумо раъйпурсӣ бинобар Сарқонуни нав ва интихоботи пешазмуҳлати президентӣ, ки дар асоси он барои эҳё ва рушди минбаъдаи мамлакат пойдевори мустаҳкам гузошта шуд, бомуваффақият гузашт. Муътақидам, ки таҳти сарварии Шумо дар самти бунёди Ўзбекистони Нав комёбиҳои бештаре ба даст меоянд.

Моҳи майи соли равон Шумо бо ташрифи давлатӣ ба Чин омадед ва дар ҳамоиши «Осиёи Марказӣ – Чин» ширкат варзидед. Мо бинобар сохтмони ҷомеаи ҳамтақдири чиниву ўзбекистонӣ ва рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои байни ду мамлакат ба имзои як қатор муоҳидаҳо муваффақ гардидем.

Ман сафари Шуморо ба Чин, ки моҳи октябри соли равон барои иштирок дар Ҳамоиши сеюми байналхалқии ҳамкорӣ «Як камар, як роҳ» баргузор хоҳад шуд, бесаброна интизорам.

Ба муносибатҳои чиниву ўзбекистонӣ аҳамияти бузург медиҳам. Муносибатҳои ҳамкорӣ ва дўстии шахсиро, ки бо Шумо пойдор гардидаанд, баланд қадр менамоям. Ба ҳамкориҳои минбаъдаи тарафайн ба мақсади рушди муттасилу мустақими шарикии дуҷонибаву бисёрҷанбаи стратегӣ, такони нав бахшидан ба бунёди ҷомеаи чиниву ўзбекистонӣ омода ҳастам.

Ба халқи бародари Ўзбекистон шукуфоӣ ва бахту саодат орзу менамоям.

Бо эҳтиром,

**Си СЗИНПИН,**
**Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин**



**Ба Волоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам ҷаноби Президент!

Аз номи халқи Иёлоти Муттаҳида ба Шумо ва халқи Ўзбекистон ба муносибати таҷлили Рўзи истиқлоли кишваратон орзуҳои беҳтарини худро ирсол медорам.

Шарикии стратегии байни Ўзбекистон ва Иёлоти Муттаҳида баҳри бунёди ояндаи беш аз пеш осудаву шукуфон барои халқҳо ва мардуми тамоми ҷаҳон кумак расонд.

Мо якҷо ҳамкориҳои худро дар соҳаи амният барои ҳаллу фасли мушкилоти минтақавӣ, аз ҷумла экстремизм, зўроварӣ, савдои нашъа ва одам пеш мебарем.

Мо робитаҳои тиҷоратӣ ва сармоявии худро барои рушди ҳамаҷонибаи иқтисодии ҳар ду мамлакат амиқтар месозем.

Мо суннатҳои умумии худ, аз ҷумла истиқлолият, озодӣ ва якпорчагии ҳудудиро ҷонибдорӣ мекунем. Иёлоти Муттаҳида минбаъд низ Ўзбекистонро ҳамчун кишваре, ки чун пешина ба амиқсозии мулоқоти минтақавӣ, пешбурди баробарии гендерӣ ва татбиқ сохтани ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ содиқ аст, дастгирӣ менамояд.

Дар оянда ман ба минбаъд амиқсозии ҳамкориҳои мо ва кори муштарак умед мебандам. Ман ба Шумо таҷлили хурсандиовари ҷашн ва сулҳу салоҳ орзу мекунам.

Бо эҳтиром,

**Ҷозеф БАЙДЕН,**
**Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико**



**Ба Волоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам ҷаноби Президент, бародари азизи ман!

Шахсан аз номи худ ва аз номи халқамон Шумо, Волоҳазрат ва халқи Ўзбекистонро бинобар Рўзи истиқлоли Ҷумҳурии Ўзбекистон самимона муборакбод менамоям.

Комёбиҳои кишвари дўст ва бародари мо Ўзбекистон аз замони дарёфти истиқлолият, ки таҳти роҳбарии хирадмандонаи Шумо рўз аз рўз инкишоф меёбад, ҳамчунин нуфузаш дар арсаи байналхалқӣ меафзояд, дар Туркия боиси ифтихор мебошад.

Фикр мекунам, бори дигар таъкид намудани муносибатҳои мо дар рўҳи бародарӣ, ки тўли замони кутоҳ ба дараҷаи шарикии фарогири стратегӣ расида, чун намунаи ибрати минтақаи мо, ҳамчунин барои таҳкими минбаъдаи онҳо хидмат мекунад, муфид мебошад.

Аз фурсат истифода бурда, мехостам ба Шумо, Волоҳазрат сиҳҳату саломатӣ, бахту саодат, ба халқи дўсту бародари Ўзбекистон фаровонҳоливу шукуфоӣ орзу намоям.

**Реҷеп Таййип ЭРДОҒАН,**
**Президенти Ҷумҳурии Туркия**

*(Давомаш дар саҳ.3).*

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ ТАНТАНАВИИ БАХШИДА БА 32-ЮМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Мо дар назди худ мақсад гузоштаем, ки номҳои поки ҳамватанонро барқарор созем, ки онҳо беадолатона гунаҳгор дониста, хароб гаштаанд ва ормонҳои худро дар бобати озодии мамлакати азизашон ба амал татбиқ нанамудаанд. Дар 3 соли охир аз ҷониби Суди олӣ 856 қурбонии репрессияи сиёсӣ сафед карда шудаанд. Мо албатта ин кори хайрро давом медиҳем. Адолат бояд тантана намояд.

Ба гузашта назар намуда, мо маҷбур ҳастем, ки ҳақиқати талхро эътироф намоем: пеш мафҳуми «ўзбек» танҳо бо он таҷассум меёфт, ки рўзу шаб дар майдонҳои пахта меҳнат менамуд.

Мутаассифона, он вақт ҳамин тавр буд.

Монополияи пахта барои халқамон тамға гардид. Сиёсати пахта Аралро хушк кард, экосистемаи моро ба буҳрон дучор намуд, иқтисодиётамон, низоми таълимамонро аз қолаб кўчонд. Аз ин боис якчанд насл дониши пурра нагирифт. Мо то ҳанўз бо оқибатҳои он мубориза мебарем.

Ҳоло дар пахтакорӣ принсипҳои иқтисодиёти бозорӣ татбиқ гардида, соҳа соҳиби худро пайдо кард. Дар натиҷа муаллим ба мактаб баргашт, духтур — ба бемористон, соҳибкорон аз бори вазни пахта озод гардиданд, меҳнати маҷбурии бачагон решакан гардид, Ўзбекистон аз «рўйихати сиёҳ»-и байналхалқӣ хориҷ карда шуд.

Ба шарофати меҳнати шуҷоатнок ва азми халқамон орзуи Ўзбекистони Нав ба воқеият табдил меёбад. Дар арсаи байналхалқӣ эҳтиром ва эътибор ба Ватанамон меафзояд.

Дар вазифаи Президентӣ яке аз аввалин қадамҳои ман барқарор намудани муносиботи дўстона бо мамлакатҳои ҳамсоя буд. Масъалаҳое ҳаллу фасл гардиданд, ки дар тўли солҳои зиёд ғун гардида буданд. Робитаҳои мо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ дар тамоми ҷанбаҳо ҳоло ба дараҷаи нав бардошта шудааст.

Ҳамватанони азиз!

Аз ҳеч кас пушида нест, ки дар меҳвари истиқлолияти сиёсӣ пеш аз ҳама, истиқлолияти иқтисодӣ қарор дорад. Барои пойгоҳи мустаҳками таҳкими он корҳои вусъатнок ва натиҷаҳои ноилгаштаамон дар солҳои охир хидмат менамояд. Далели аёнии он даст ёфтан ба маҷмўи маҳсулоти дохилии мамлакат дар шаш соли охир мебошад, ки он ба беш аз 1,5 баробар афзуда, миқдори воҳидҳои соҳибкорӣ ду баробар, рушди саноатӣ аз 40 фоиз зиёд гаштааст. Дар муддати кутоҳ мо ба коҳиши қашшоқӣ ба беш аз ду баробар муваффақ гаштем.

Аммо мо бояд имрўзро на бо дирўз қиёс намоем, балки бо фардо қиёс кунем ва корро бино бар он ташкил намоем. Зеро оянда аз қадамҳое шурўъ мегардад, ки мо имрўз мегузорем.

Дўстони азиз!

Мо барои худ суханони ҳикматноки мутафаккирони бузургро дастур мешуморем: **«Вазифаи давлат — ҳаёти одамонро хушбахттар намудан ва ин бо дониш ва ахлоқи ҳамида ба даст меояд»**.

Тавре ки маълум аст, мо як сол пеш панҷ самти асосии рушди мамлакатро муайян намуда будем. Инкишофи соҳаи маориф ба сифати вазифаҳои аввалиндараҷа ва афзалиятнок ҷойгир карда шудаанд.

Ман беҳуда ҳамеша аҳамияти таълим ва мақоми муаллимро таъкид намекунам. Бе таълими замонавӣ мо ба тараққиёти босуръат муваффақ намегардем. Таълим, бешубҳа, роҳи ҳалли ҳар гуна мушкилот ва омили муҳими рўзи ояндаи мо ба шумор меравад.

Соли 2022 дар мамлакатамон 72 мактаби нав сохта шуда, 279 мактаб аз таъмири аслӣ ва 514 мактаб таъмир гардонда шудаанд. Барои мактабҳо беш аз 30 ҳазор компутер харид карда шуд. Аз соли хониши нав машғулот дар мактабҳои ҷумҳурӣ барилова бо 500 нафар мутахассисони хориҷии даъватгардида аз фанни забони англисӣ бурда хоҳад шуд. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ бинобар барнома ва китобҳои дарсии нав таълим мегиранд, ки дар асоси таҷрибаи хориҷӣ таҳия гаштаанд.

Инчунин, лоиҳаҳои бузург оид ба рушди соҳаи тандурустӣ, тиҷорат, такомули низоми суд, ҳалли мушкилоти об ва гармиву энергетикӣ оғоз ёфтаанд. Бори дигар меҳоҳам таъкид намоям, ки: ин самтҳои бартариноки муайяннамудаамон ҳамеша дар маркази эътиборамон қарор хоҳанд гирифт.

Муҳтарам иштирокдорони тантанаҳои ҷашнӣ!

Таърихи сеҳазорсолаи давлатдориамон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ниёконамон ҳамеша ба инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ натанҳо бо меҳнати ҷисмонии худ, балки бо фаъолияти зеҳниашон саҳми бузург гузоштаанд.

Мо меросдорони шахсиятҳои бузург мебошем, ки ҷаҳонро натанҳо бо захираҳои моддӣ, аммо пеш аз ҳама бо ҳосили илм, маърифат, арзишҳои маънавӣ ғанӣ гардондаанд. Бешубҳа, сифатҳои баланди барояшон хос, анъанаҳои шарофатноки бавуҷудовардаашон имрўз низ дар қалбҳо, шуурамон зиндаанд, дар ҳаёти рўзмарраамон ҳозиранд.

Ва ман низ эътимод дорам, ки мо бо шоистагӣ ин роҳи таърихиро идома медиҳем. Маҳз ҳаминро мақом ва ҷойгоҳамон дар арсаи ҷаҳонӣ, мақсад ва қуллаҳои баландамон тақозо менамояд, ки дар назди худ гузоштаем.

Бинобар ин мо дар қатори низоми нақлиёту логистика ба рушди босуръати илм, инноватсия, технологияи иттилоотӣ ва дигар соҳаҳо эътибори бартаринок медиҳем, ки ба фаъолияти зеҳнӣ асос ёфтааст, ки инро замона тақозо дорад. Маҳз ҳамин самтҳо дар ояндаи наздик локомотиви иқтисодиёти Ўзбекистон хоҳанд гардид.

Дўстони муҳтарам!

Боз як масъалаи муҳим ин мушкилоти экологӣ ва дар робита бо он танқисии об мебошад. Агар дар як санги тарозу ногузирии рушди сохтмон, саноат, кишоварзӣ қарор дошта бошад, дар дигараш масъалаҳои барои ҳар якамон муҳими ҳифзи об, бартарафсозии ифлос намудани муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираи замин мебошад.

Вазифаи мо аз нигоҳ доштани таносуби ҳар ду ҷониб иборат мебошад. Мо ҳеч гоҳ набояд фаромуш кунем, ки захираҳои табиӣ ин боигарие мебошад, ки ба наслҳои оянда тааллуқ доранд. Аз ин боис, мо онҳоро бояд оқилона истифода намоем, нафақат дар фикри имрўз, бояд ояндаро низ фикр кунем.

Дар самти мазкур гузариши босуръат ба чунин иқтисодиёте, ки ба муносибати эҳтиёткорона ба захираҳои об, энергетика ва ғайраи табиӣ асос меёбад, аҳамияти муҳимро молик аст. Инчунин, барои мо вазифаи ба вуҷуд овардани технологияи «сабз» ва рақамӣ, корхонаҳои истеҳсолии инноватсионӣ муҳим мебошад.

Ҳамватанони азиз!

Дар Конститутсияи таҷдидёфта дақиқ муайян гаштааст, ки Ўзбекистон ин давлати дунявӣ мебошад, мамлакате, ки маданиятҳои гуногун ҳамоҳанг мебошанд. Маҳз қувваи мо дар ҳамин ифода меёбад ва мо бояд он боигариро ҳифз намоем. Таърих гувоҳ аст, ки дар тўли асрҳо дар сарзаминамон намояндагони афкор ва эътиқод, дин ва маданиятҳои гуногун бо таҳаммул зистаанд.

Мо халқе мебошем, ки роҳи сулҳро интихоб намудаем, на роҳи ҷангро дар ҳалли ҳар гуна низоъ. Мо ҳамеша дар фазои мусолиҳа, дўстӣ ва ҳамкорӣ бо тамоми халқҳо зистаем. Ва дар роҳи рушди имрўза инчунин ба ин принсипҳо такя менамоем.

Дар навбати аввал бароямон ҷамъияти неруманди шаҳрвандӣ зарур аст, зеро ки ҳар гуна ислоҳот пеш аз ҳама дар қалбу шуури ҳар яки мо бояд оғоз гардад. Мо бояд аз рўйи виҷдон бинобар қонунҳои адолатнок зиндагӣ кунем, бояд боваринок ва бо ҳамбастагӣ ба пеш, ба хотири ояндаи мамлакат ҳаракат кунем.

Имрўз вақте ки сухан дар бораи ташаккули ҷамъияти инкишофёфтаи шаҳрвандӣ меравад, тасаввури он бидуни озодии баён ва матбуот тасаввурнопазир аст.

Дар тамоми ҷаҳон журналистон барои ҳақиқат, барои ҳуқуқи баён ва навиштан дар мавзўъҳое, ки онҳо ва умуман ҷамъиятро ба нигаронӣ водор месозад, мубориза мебуранд ва хоҳанд бурд.

Бинобар ин қатъан метавонам бигўям, ки ман ҳамеша ҷонибдори журналистони озодфикр будам ва ҳамеша дар ин мавкеъ мемонам. Ҳамзамон дар фазои иттилоотӣ маҳаки асосӣ бояд эътимоднокӣ ва холисӣ бошад.

Муҳтарам иштирокдорони маросими мутантан!

Агар бо суханони мутафаккири бузургамон Абдурауфи Фитрат ифода намоем, **«занон — модарони миллатанд»**. Барои он ки насли муносиб тарбия гардад, онҳо худ бояд таълими баланд дошта бошанд.

Бинобар ин боз як вазифаи муҳимамон ба вуҷуд овардани имконоти баробар барои занон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият ба шумор меравад. Дар давраи гузашта мо корҳои зиёдро дар бобати баланд бардоштани мақом ва нақши зан дар ҷамъият, таъмини ҳуқуқ ва манфиати он, рушди касбиашон анҷом додем. Ҳамзамон мо дар ин роҳ ҳанўз корҳои зиёд дар пеш дорем.

Маълум аст, ки занони муҳтарам ба ғайр аз вазифаҳои хидматӣ, инчунин вазифаи муҳим, мисли тарбияи фарзандон, фароҳам овардани муҳити солим дар оила, идома додани анъанаҳои маънавиву ахлоқиро иҷро менамоянд. Пас, занони ғамгусори мо ба дастгирии ҳамаҷониба ниёз доранд.

Имсол мо қонунро дар бораи роҳ надодани зўроварӣ дар оила қабул намудем. Мақсади асосии он аз мустаҳкам намудани оила, ҳимояи ҳуқуқи занон иборат аст. Мо тадриҷан корро дар ин самт идома медиҳем.

Ҳамватанони азиз!

Ҳар як шаҳрванди Ўзбекистон таъмини ҳамдилии халқамон, якпорчагии мамлакатро қарзи ҳаёти худ бояд бидонад.

**Танҳо дар ҳолати ҳамбастагӣ мо халқи ягона, танҳо бо ҳам мамлакати қудратманд шуда метавонем!**

Ҳамватанони муҳтарам!

Тавре ки шумо медонед, дар 5-6 соли охир инсоният бо чунон заҳматҳое дучор гардид, ки миқдори онҳо бо рўйдодҳои 100 соли охир қиёспазир аст.

Пандемия, даҳшатҳои табиӣ, зилзила, муноқишаҳои мусаллаҳона, гармшавии ҷаҳонӣ, хушксолӣ — ҳамаи ин инсониятро ба озмоишҳои ҷиддӣ мувоҷеҳ менамояд ва ба он идома медиҳад.

Чунин вазъияти мураккабро метавон бо туфони муқтадир қиёс кард. Дар натиҷаи чунин фоҷеаҳо ҳатто метавонад дарахтҳои бузург зарар бинад — метавонад хазон гардад, бишканад, танаву ҳосили варамидааш бирезад. Аммо дарахтоне, ки решаҳои мустаҳкам ва амиқ доранд, ба ин озмоишҳо тоб меоваранд. Бо решаҳои худ онҳо боз ҳам муқтадиртар ба замин часпанд. Дар шоххои онҳо муғча, шоха ва ҳосили нав падид меоянд. Ин қонуни ҳаёт аст.

Халқи мо решаҳои қадима ва муқтадир дорад. Ин таърих, арзиш, анъана ва суннат, аслияти миллии мо мебошад. Дар ин решаҳои амиқ ман ғояи бузурги ваҳдати миллии муттаҳидкунандаи мамлакатро мебинам.

Вақте ки дар бораи вазифаҳои аввалинамон гап мезанем, таъкид мекунам, ки мо ба баланд бардоштани потенсиали Қувваҳои мусаллаҳамон эътибор медиҳем, ки замонати боварибахши истиқлолияти Ватанамон, ҳаёти осудаи халқ ва инчунин бавуҷудовардани шароити ҳар чӣ муносиб барои хидматчиёни ҳарбӣ ва оилаҳои онҳо ба шумор меравад.

Мо муносиботи дўстона ва ҳамкории муфиди тарафайнро бо давлатҳои хориҷии наздик ва дур, хусусан бо мамлакатҳои ҳамсоя, ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ ба дараҷаи нав мебардорем. Ба ин муносибат хидматҳои дипломатҳои худамон ва хориҷиро бояд таъкид кард.

Аз фурсат истифода намуда, сафирони муҳтарами давлатҳои хориҷӣ, вакилони ташкилотҳои байналхалқиро, ки имрўз дар тантана иштирок доранд, самимона истиқбол менамоям, бароями сулҳ ва шукуфоии мамлакат ва халқҳояшонро таманно дорам.

Ҳамватанони азиз!

Меҳоҳам, ки шумо бидонед: тамоми кўшишу ҳаракатамон ба хотири шукуфоии мамлакат, ба хотири фараҳмандии халқамон, барои аҳволи неки шумо, ҳамватанони азиз мебошад!

Вазифаҳоямон то чӣ андоза муҳим ва мураккаб ҳам бошанд, ки мо ҳоло дар назди худ гузоштаем, ҳамаи мо якҷоя молики қувва ва имконоти иҷрои онҳо ҳастем.

**Мо аз ҷумлаи дирўзагон нестем ва халқамон низ пешина нест.**

**Тавре ки таърих гувоҳӣ медиҳад, халқе, ки вақтро ба имконот, имконотро ба тавфиқ, тавфиқро ба пойгоҳи тараққиёт табдил дода тавонист, ин халқи бузург аст. Имрўз халқи меҳнаткарин, шуҷоатнок ва шарифамон маҳз чунин сифатҳоро зоҳир менамояд.**

Аз фурсат истифода намуда, аз таҳти дил ба ҳамаи ҳамватанон, ба тамоми халқамон миннатдорӣ изҳор менамоям, ки онҳо шуҷоатмандона дар роҳи сохтмони Ўзбекистони Нав меҳнат мекунанд.

Бори дигар самимона, аз таҳти дил ҳамаи шумо, азизонамро бо ҷашни бузург — 32-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Ўзбекистон табрик менамоям.

Ба ҳамаатон тансиҳатӣ, бахт ва ба хонаводаҳоятон фараҳмандӣ таманно дорам.

Зинда бод халқи мо — бунёдкори тамоми дастовардҳоямон!

Бигзор дар мамлакати зебои мо ҳамеша сулҳу субот ҳукмрон бод!

Бигзор Офаридгор ҳамеша Ватанамонро ҳифз намояд!

Бигзор истиқлолиятамон ҷовидон бошад!

# ХАЛҚЕ, КИ ВАҚТРО БА ИМКОНИЯТ, ИМКОНИЯТРО БА МУВАФФАҚИЯТ, МУВАФФАҚИЯТРО БОШАД, БА АСОСИ ПЕШРАФТ ТАБДИЛ ДОДА ТАВОНИСТ, ХАЛҚИ БУЗУРГ АСТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Барои ҳеҷ кас пушида нест, ки дар пояи мустақилии сиёсӣ пеш аз ҳама мустақилии иқтисодӣ қарор дорад. Барои мустаҳкам шудани пойдевори он корҳои васеъмиқёс ва натиҷаҳои бадастомадаи солҳои охир мусоидат карданд. Исботи равшани он тўли шаш соли охир дар мамлакат беш аз 1,5 баробар афзудани ҳаҷми маҷмўи маҳсулоти дохилӣ, 2 баробар зиёд шудани миқдори субъектҳои соҳибкорӣ ба шумор меравад, афзоиши саноат аз 40 фоиз гузашт.

– Вале моро лозим аст, ки имрўзро на бо дирўз, балки бо фардо муқоиса кунем, корро бо дарназардошти ин ба роҳ монем. Зеро оянда аз қадамҳое оғоз мегирад, ки мо имрўз мегузорем, – гуфт Президент.

Таъкид шуд, ки таълим барои асоси пешрафт хидмат мекунад, корҳое, ки дар ин соҳа иҷро шуданд, қайд гардид.

– Таърихи сеҳазорсолаи давлатдории мо аз он шаҳодат медиҳад, ки ниёгони мо ҳамеша дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ нафақат бо меҳнати ҷисмонии худ, балки бо фаъолияти зеҳниашон саҳми бузург гузоштаанд. Мо ворисони шахсиятҳои бузурге ба шумор меравем, ки оламро нафақат бо захираҳои моддӣ, балки пеш аз ҳама бо натиҷаҳои илм, маърифат, суннатҳои маънавӣ ғанӣ гардонидаанд. Бешубҳа, сифатҳои олии хоси онҳо, анъанаҳои шуҳратёри офаридаашон имрўз ҳам дар қалбҳо, шуури мо зиндагӣ мекунанд, дар ҳаёти ҳамарўзаи мо ҳузур доранд. Ман муътақидам, ки мо барои сазоворона идома додани ин роҳи таърихӣ қодир мебошем, – таъкид кард роҳбари давлат.

Президент дар суханронии худ эътибори ҷомеаро ба вазифаҳои муҳиме, ки имрўз дар назди кишвари мо қарор доранд, ҷалб сохт. Ин мушкилоти экологӣ, ҳарчи зудтар гузаштан ба иқтисодиётест, ки ба муносибати эҳтиёткорона нисбати об, энергетика ва захираҳои дигари табиӣ, ба роҳ мондани корхонаҳои инноватсионии истеҳсолӣ нигаронида шудааст.

– Мо ҳеҷ гоҳ набояд фаромўш кунем, ки захираҳои табиӣ ин сарвати барои насли оянда дахлдор маҳсуб меёбанд. Бинобар ҳамин ҳам моро зарур аст, ки аз онҳо оқилона истифода бубарем, нафақат аз хусуси имрўз, балки дар бораи фардо андеша бикунем, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Боз як вазифаи муҳим барои занон фароҳам овардани имкониятҳои баробар дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият ба шумор меравад. Аз ин хусус ҳарф зада, Президент суханони ниёи бузурги маърифатпарвари мо Абдурауф Фитрат: «Занон – модари миллатанд»-ро ба забон овард.

Таъкид шуд, ки инсоният солҳои охир бо санҷишҳои мураккаб рў ба рў шуд, дар чунин шароит халқҳои муттаҳиди дорои иродаи мустаҳкам метавонанд мунтазам инкишоф ёбанд.

– Ҳар як шаҳрванди Ўзбекистон бояд таъмин сохтани ваҳдати халқи мо, якпорчагии мамлакатро вазифаи ҳаётии худ донад. Танҳо дар ваҳдат мо халқи ягона, танҳо якҷо мо кишвари муқтадирем! – гуфт Президент.

Сарвари Ўзбекистон таъкид кард, ки халқи сулҳпарвари мо муносибатҳои дўстона ва ҳамкории муфиди тарафайнро бо давлатҳои хориҷи наздик ва дур инкишоф хоҳад дод.

Зикр шуд, ки бо вуҷуди муҳим ва мурракаб будани вазифаҳои пешистода мо дар ҳамҷиҳатӣ барои ҳаллу фасли онҳо нерў ва имкониятҳои зарурӣ дорем.

– Тавре ки таърих шаҳодат медиҳад, халқе ки вақтро ба имконият, имкониятро ба муваффақият, муваффақиятро бошад, ба асоси пешрафт табдил дода метавонад, халқи бузург аст. Алҳол халқи меҳнатдўст, мард ва саховатманди мо маҳз чунин сифатҳоро зоҳир мекунад, – гуфт роҳбари давлат.

Президент ба тамоми ҳамватанон, ба кулли халқи мо, ки дар роҳи бунёди Ўзбекистони Нав фидокорона заҳмат мекашанд, миннатдорӣ баён намуд.

– Зинда бод халқи мо – созандагони тамоми дастовардҳои мо! Бигузор дар кишвари зебои мо ҳамеша сулҳу салоҳ ҳукмрон бошад! Бигузор Худованд мудом муҳофизи Ватани мо бошад! Бигузор истиқлолияти мо абадӣ бод! – Президент суханронии худро бо ин суханон анҷом дод.

Ҷашн бо барномаи муҳташами консертӣ, ки дар он орзуву ормонҳои гузаштагони мо оид ба озодӣ инъикос ёфтаанд, идома ёфт. Хотираи фарзандони диловаре, ки барои ҳаёти осудаи мамлакат ҳалок шудаанд, қадр гардид. Дар суруд ва оҳангҳои классикӣ санъати ғанӣ ва ҳувиятҳои халқи мо равшан зуҳур ёфтанд, дар баромади ҷамоаҳои фолклориву этнографӣ ҷиҳатҳои нодири тамаддунҳои мухталифи Ўзбекистон инъикос гардиданд.

Тантанаҳо бевосита аз тариқи телевизион ва интернет намоиш дода шуданд.

Чорабиниҳои идона ба муносибати сию дуюмин солгарди истиқлолияти Ватани мо дар саросари ҷумҳурӣ идома доранд.

**ЎзА.**

# ЗУҲУРОТИ БАЛАНДИ ИНСОНПАРВАРӢ

Дар арафаи таҷлили ҷашни аз ҳама азизи умумихалқӣ – 32-юмин солгарди истиқлоли Ватани мо Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба **Фармон «Дар бораи авфи гурўҳи шахсоне, ки муҳлати ҷазоро гузашта, аз кирдори худ сидқидилона пушаймон шудаанд ва қатъиян ба роҳи ислоҳ даромадаанд»** имзо гузошт.

Бинобар Фармон мувофиқи боби 23-юми моддаи 109-уми Сарқонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон **286** нафар шахсоне, ки барои ҷиноят муҳлати ҷазоро гузашта, аз кирдори худ сидқидилона пушаймон шудаанд ва қатъиян ба роҳи ислоҳ даромадаанд, авф карда шуданд.

Аз ҷумлаи авфшудагон **109** нафар аз гузарондани ҷазои асосӣ пурра, **116** нафар шартан пеш аз муҳлат озод карда шуданд, ҷазое, ки нисбати **25** нафар таъин гардида буд, ба ҷазои нармтар иваз карда шуд. Ғайр аз ин, муҳлати ҷазо дар шакли аз озодӣ маҳрум кардан, ки нисбати **36** нафар таъин шуда буд, кўтоҳ карда шуд.

Дар байни авфшудагон **39** нафар занон, **22** нафар мардони синнашон аз 60 боло, 30 шаҳрванди давлатҳои хориҷӣ, **3** шахсе, ки дар фаъолияти созмонҳои манъшуда иштирок кардаанд, ҳастанд.

Дар доираи татбиқсозии фармон ба вазоратҳову идораҳои масъул супурда шуд, ки бобати бозгашти шахсони авфшуда ба оила ва назди қарибонашон, обсозиши иҷтимоӣ, ҷалб намудан ба меҳнати фоиданок, интихоби тарзи ҳаёти солим ва мақоми сазовори худро дар ҷомеа пайдо кардани онҳо кумак расонанд.

# ХОТИРАИ ОНҲОЕ, КИ БАРОИ ОЗОДИИ ВАТАН ФАВТИДААНД, АБАДИСТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ҳукми паррон дар ҷое, ки алҳол ин боғ ҳаст, иҷро шудааст. Тўли солҳои истиқлол дар ин ҷо корҳои ободонӣ анҷом пазируфта, осорхонаи Хотираи қурбониёни табъид сохта шуд. Бахшҳои ин осорхона дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо кушода шуданд. Алҳол дар осорхона бахшида ба арбобони маорифи Туркистон намоишгоҳ ташкил шудааст.

Дар сари қабри рамзии боғ низ сурае аз Қуръон қироат карда шуд.

– Ҳар боре, ки ба ин ҷо омада, гузаштагони диловари худро, ки барои озодии халқи мо фавтидаанд, ёд мекунем, таскин меёбем. Ёдкарди хотираи онҳо, идома додани корҳои некашон шаъну шараф ва вазифаи мост. Қисмати гузаштагони табъидшудаамон моро ба қадр ва эҳтиёт кардани истиқлол даъват мекунад. Зиндагӣ дар кишвари мустақил, дорои сулҳу салоҳ ва фаровонҳолӣ ин бахти бузург, эҳсони Худованд аст. Бинобар ҳамин ҳам мо бояд ҳамаи инро бо эҳсоси сипосгузорӣ қадр кунем, – гуфт Президент.

Таъкид шуд, ки тўли солҳои 1937-1953 дар Ўзбекистон 100 ҳазор нафар табъид гардида, 13 ҳазор нафарашон парронда шудаанд. Мутаассифона, ҷазодиҳӣ бо ин анҷом наёфт.

Солҳои 80-уми асри сипаришуда боз ҳазорҳо ҳамватанони мо қурбони беадолатиҳо гардиданд. Бо айбдоркуниҳои сохта, ки барои парвандаҳои ба ном «кори пахта», «кори ўзбек» асос гардиданд, 40 ҳазор сокинони ҷумҳурӣ таҳти тазъйиқ қарор гирифта, 5 ҳазор нафарашон ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шуданд.

Роҳбари давлати мо таъкид намуд, ки табъиди сиёсӣ нисбати фарзанди бузурги халқи ўзбек Шароф Рашидов, ки тўли бисту панҷ сол ба Ўзбекистон роҳбарӣ кардааст, пас аз вафоташ ба хусус, таассуфовар буд.

Корҳои нек бобати омўхтани ҳаёти ҷадидон, абадӣ кардани хотираи онҳо, ки ғайриодилона табъид шудаанд, қайд гардид.

– Мо барои он ки адолатро барқарор кунем, бисёр корҳоро анҷом медиҳем. Чунончи, аз ҷумлаи олимони муаррих комиссия таъсис дода шудааст, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ омўхта мешаванд. Тўли ду соли охир Суди олии Ўзбекистон зиёда аз 850 нафарро сафед кард, соли равон бошад, номи боз 240 ҳамватанонамон сафед карда шуд. Мо ин тадқиқотро бояд идома диҳем. Халқамон бояд ҳақиқатро донад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Таърихи он даврон бо ҳуҷҷат ва далелҳои нави ашёвӣ пурра мегардад. Дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд китобҳои хотира таҳия гардидаанд, ки дар бораи анқариб 40 ҳазор ҳамватанони мо маълумот медиҳанд. Ин ёддоштҳо вақтҳои наздик чоп мешаванд.

Президент зикр кард, ки баробари ин бояд хотираи қурбониёни табъид бевосита дар маҳалҳое, ки онҳо зиндагӣ кардаанд, абадӣ карда шаванд.

– Дуруст аст, ки осорхонаҳо ташкил ёфтаанд, китобҳо нашр мешаванд, сафедкуниҳо идома доранд. Вале мо ин корро бояд давом диҳем. Фикр мекунам, агар дар маҳалҳое, ки қурбониёни табъид таваллуд шудаанду дар он ҷо ҳоли ҳозир авлоди онҳо зисту зиндагӣ мекунанд, дар мактабҳо навиштаҷотро бо зикри ному насабашон гузорем, аз ҳар ҷиҳат дуруст аст. Зиёда аз ин маҳз дар чунин рўзҳои хотира бояд хонаҳои онҳоро зиёрат кард. Мо ба дидори иштирокдорони ҷанг мешитобем, барои чӣ аз қурбониёни табъид ёд намекунем?! Ҳол он ки ҳаёти онҳо низ саршори қаҳрамонист. Бояд зиндагониашонро омўзем, тарғибу ташвиқ кунем, ба ҷавонон маънидод намоем, – гуфт роҳбари давлат.

Ба шахсони масъул бобати ҷудо кардани грантҳои мақсаднок, ба муҳаққиқоне, ки таърихи ҷадидонро меомўзанд, дар бораи онҳо филмҳои мустанад ва бадеӣ меофаранд, дар матбуот ва интернет матолиб нашр мекунанд, супоришҳо дода шуданд.

– Халқи мо бояд дар бораи он замонҳо маълумоти васеъ дошта бошад, бо гузаштагони худ ифтихор кунад. Ҷавонон бояд аз худ суол кунанд: «Ниёгони мо барои озодӣ мубориза бурданд, ҷони худро фидо карданд, мо баҳри истиқлол чӣ мекунем?» Истиқлолро чӣ мустаҳкам мекунад? Пеш аз ҳама ватандўстӣ, дониш, маънавият. Мо бояд саъю кўшиш намоем, ки дар ҷамъиятамон эҳсоси ватандўстӣ ва миннатгузорӣ пурзўр бошад, – таъкид кард Президент.

Пас аз ин Президент Шавкат Мирзиёев аз боғи «Янги Ўзбекистон» боздид ба амал овард ва ба пояи ёдгории Истиқлол гулчанбар гузошт.

Ин ёдгорӣ бахшида ба сисолагии истиқлолияти давлатии мамлакат мувофиқи ғояи Президент ба шарафи Ватан, мардуми ҷасур, сулҳпарвару меҳнатдўсти мо ва қаҳрамониҳои ў гузошта шуда буд. Ба пояи он ба муносибати ҳодисаҳои хотирмон ва ҳангоми ташрифи ҳайатҳои хориҷӣ гул гузоштан анъана шудааст.

Дар маросим намояндагони Палатаи қонунгузорӣ ва Сенати Олий Маҷлис, Маъмурияти Президент, вазорат ва идораҳо, ҷамоаҳои шаҳри Тошканд иштирок карданд ва ба пояи ёдгорӣ гул гузоштанд.

**ЎзА.**

# МУБОРАКБОДИҲОИ САМИМӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

**Ба Волоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Аз номи халқи Қазоқистон ва шахсан аз номи худ Шумо ва тамоми халқи Ӯзбекистони бародариро бо Рӯзи истиқлол аз таҳти дил муборакбод менамоям.

Ин рӯзи хотирнишин дар таърихи Ӯзбекистони мустақил ваҳдат, пойдорӣ ва рӯҳи созандагии халқи Шуморо таҷассум месозад, барои таҳкими минбаъдаи давлатдорӣ ва пешрафти дарозмуҳлати ҷумҳурӣ аҳамияти бебозгашт дорад.

Бовар дорам, кишвари Шумо ба роҳи стратегии Шумо қатъиян амал карда, ислоҳоти васеъмиқёси сиёсӣ ва дигаргуниҳои иҷтимоиву иқтисодиро бомуваффақият ба ҳаёт татбиқ намуда, пешрафти муътамади худро аз роҳи рушди устувор идома хоҳад дод.

Бо дарназардошти манфиатҳои азалии халқҳоямон, ба анъанаҳои бисёрасринаи дӯстиву некҳамсоягӣ, ба амиқсозии минбаъдаи шарикӣ ва тифоқии стратегии қазоқистониву ӯзбекистонӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳам.

Муътақидам, ки мо бо саъю кӯшишҳои муштарак метавонем имкониятҳои бузурги ҳамкориҳои бисёрҷанбаро барои шукуфоии халқҳои қаринамон, ҳамчунин ба манфиати таъмин сохтани эътидол ва фаровонҳолии Осиёи Марказӣ татбиқ намоем.

Дар ин рӯзи хотиромон, муҳтарам Шавкат Миромонович, ба Шумо дар фаъолияти масъули давлатӣ комёбиҳои минбаъда, ба халқи бародари Ӯзбекистон фаровонҳоливу пешрафт таманно менамоям.

Бо эҳтиром,

**Қосим-Ҷомарт ТОҚАЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон.**

***

**Ба Волоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович,

Иҷозат диҳед Шумо ва халқи бародари Ӯзбекистонро бо 32-юмин солгарди истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон табрик намоям.

Тӯли солҳои истиқлол Ӯзбекистон дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ба комёбиҳои бузург ноил гардида, дар ҷомеаи байналхалқӣ мақоми сазовор ишғол намуд.

Бовар дорам, ки ислоҳоти таҳти сарварии хирадмандонаи Шумо бинобар сохтмони Ӯзбекистони Нав татбиқшаванда ба рушди минбаъдаи ҷамъиятиву сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ, ҳамчунин муваффақ шудан ба ҳадафҳои пешгузошташуда ба манфиати Ӯзбекистони бародар мусоидат хоҳанд кард.

Тӯли солҳои истиқлол кишварҳои мо дар рӯҳи дӯстӣ ва некҳамсоягӣ бинобар рушди шарикии фарогири стратегӣ ба натиҷаҳои хуб муваффақ гардиданд.

Муътақидам, ки муносибатҳои шахсӣ ва эътимодбахши мову Шумо минбаъд низ ба мустаҳкам шудан ва ҳамаҷониба инкишоф ёфтани давлатҳоямон хидмат мекунанд.

Аз ин имконияти хуб истифода бурда, ки ба Шумо, муҳтарам Шавкат Миромонович, самимона саломатии мустаҳкам, бахту саодат, ба халқи Ӯзбекистон фаровонҳоливу шукуфоӣ орзу мекунам.

Бо эҳтироми амиқ,

**Садир ҶАПАРОВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон.**

***

**Ба Волоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Шавкат Миромоновичи азиз!

Бо қаноатмандии бузург аз номи халқи тоҷик ва шахсан аз номи худ ба Шумо, ба тамоми халқи бародари Ҷумҳурии Ӯзбекистон табрикоти сидқидилона ва орзуҳои самимиро ба муносибати солгарди ҷашни миллии мамлакат – Рӯзи истиқлол ирсол менамоям.

Ба шарофати истиқлол Ӯзбекистони бародарӣ дар рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва таҳкими обрӯйи худ дар арсаи байналхалқӣ ба комёбиҳои бузург ноил гардид.

Тамоми ин дастовардҳо аз бисёр ҷиҳат бо сиёсати бомуваффақияти давлатии Шумо, ки аз ҷониби халқи Ӯзбекистон васеъ дастгирӣ карда мешаванд, вобаста мебошанд.

Рушди бисёрҷанба ва ҳамаҷонибаи муносибатҳои шарикии стратегӣ ва ҳамкории тарафайн бо Ӯзбекистон дар низоми афзалиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон мақоми калидӣ дорад.

Дар байни кишварҳои мо рушди устувори ҳамкориҳои тарафайн дар тамоми самтҳо – соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, фарҳангиву инсонпарварӣ ва амният мушоҳида мешавад.

Муътақидам, ки мо бо саъю кӯшишҳои муштарак, ҳамчунин бо такя ба решаҳои дӯстиву некҳамсоягии азалии анъанавию таърихӣ ва имкониятҳои мавҷуда минбаъд низ дар ҳамкориҳои пурмуҳтавои тоҷикистониву ӯзбекистонӣ ба манфиати халқҳои бародари мо пеш меравем.

Аз таҳти дил ба Шумо, муҳтарам Шавкат Миромонович, саломатии мустаҳкам ва комёбиҳои минбаъда дар тамоми корҳои некатон, ба халқи бародари Ӯзбекистон бошад, осмони соф, фаровонҳолӣ ва пешрафти минбаъда орзу мекунам.

Бо эҳтироми амиқ,

**Эмомалӣ РАҲМОН,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

***

**Ба Волоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Барои ман шарафи бузург аст, ки Шумо ва тамоми халқи бародари кишвари Шуморо ба муносибати Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз таҳти дил муборакбод гӯям ва орзуҳои беҳтарини худро ирсол намоям.

Алҳол Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо роҳи пешрафт ва шукуфоӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва ғайра муътамадона пеш меравад.

Мо аз комёбиҳои ҳамсояи қарини худ хурсандем.

Мехостам бо қаноатмандӣ таъкид намоям, ки муносибатҳои кунунии дуҷонибаи байни Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷиҳати пурмуҳтаво ва устувор доранд. Онҳо бинобар самтҳои фарогир инкишоф меёбанд. Эътимоди қавӣ дорам, ки бо кӯшишҳои муштараки мо муносибатҳои бародаронаи туркманистониву ӯзбекистонӣ ба манфиати халқҳоямон инкишоф меёбанд ва амиқтар мегарданд.

Аз ин имконияти мусоид истифода бурда, ба Шумо, муҳтарам Шавкат Миромонович, саломатии мустаҳкам, бахту саодат ва фаровонҳолӣ, ба халқи бародари Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз таҳти дил сулҳу салоҳ, пешрафт ва шукуфоии минбаъда орзу менамоям.

Бо эҳтироми амиқ,

**Сердар БЕРДИМУҲАМЕДОВ,**
**Президенти Туркманистон**

***

**Ба Волоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Аз он хурсандам, ки ба Шумо ва дар шахси Шумо ба тамоми халқи бародари Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба муносибати Рӯзи истиқлолияти кишвари Шумо муборакбодиҳои самимӣ ва орзуҳои беҳтарин ирсол менамоям.

Тӯли солҳои сипаришуда Ӯзбекистон дар рушди давлатдории худ ба муваффақиятҳои азим ноил гардид. Алҳол дар мамлакат дигаргуниҳои бузург татбиқ мешаванд, ки ба рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва беҳтар шудани некуҳолии халқ нигаронида шудаанд.

Қайд кардан хурсандиовар аст, ки муносибатҳои байни Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, фарҳангиву инсонпарварӣ ва ғайра бо мазмуну муҳтавои нав ғанӣ мегарданд. Эътимоди моро нисбати он қабул фармоед, ки мо ба муносибатҳои туркманистониву ӯзбекистонӣ аҳамияти махсус медиҳем, ҳамчунин тайёрем ин муносибатҳоро ба дараҷаи сифатан баланд бардорем.

Аз ин имконияти хуб истифода бурда, муҳтарам Шавкат Миромонович, ба Шумо саломатии мустаҳкам, бахту саодат ва дар фаъолияти масъули Шумо комёбиҳо, ба халқи бародари Ӯзбекистон сулҳу салоҳ, пешрафт ва шукуфоии минбаъда орзу мекунам.

Бо эҳтироми амиқ,

**Гурбангулӣ БЕРДИМУҲАМЕДОВ,**
**Пешвои миллиии халқи туркман,**
**Раиси Маслиҳати халқи Туркманистон.**

***

**Ба Волоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам ҷаноби Президент!

Ба муносибати ҷашни миллии Ҷумҳурии бародарии Ӯзбекистон – Рӯзи истиқлол ба Шумо ва дар шахси Шумо ба тамоми халқатон табрикоти самимӣ ва хоҳишҳои беҳтарини худро изҳор мекунам.

Алҳол ба шарофати роҳбарии Шумо ва сиёсати дурандешона Ӯзбекистон бо роҳи рушди иҷтимоии иқтисодӣ бо эътимод пеш меравад, анъана ва равандҳои давлатдориро ҳифз менамояд. Ба мо мушоҳида кардани дастовардҳои муҳими кишвари Шумо, афзудани обрӯйи он дар арсаи байналхалқӣ ва он санад, ки вай сол аз сол таҳти сарварии Шумо ба комёбиҳои бештар ноил мегардад, ба хусус хушоянд аст.

Нақш ва мавқеи фаъол дар ҷараёнҳое, ки дар минтақа ба вуқӯъ меоянд, ба Ӯзбекистон имкон медиҳад вохӯриву намоишҳои бонуфузтарини созмонҳои байналхалқиро дар сатҳи олӣ баргузор кунад.

Озарбойҷон ва Ӯзбекистонро риштаҳои воқеии дӯстӣ ва бародарӣ ба ҳам мепайванданд.

Моро муносибатҳои дуҷониба ва шарикии стратегии дар пояи мустаҳкам бунёдёфта, ки бинобар хатти мустақим пеш мераванд ва бо мазмуну муҳтавои мушаххас ғанӣ мегарданд, хурсанд мекунанд.

Мулоқоти ошкоро ва фаъоли байни мо, сафарҳои тарафайни сатҳи олӣ, вохӯриҳои мунтазам, ҳуҷҷатҳои зиёди имзошуда, лоиҳаҳои муштарки бомуваффақият татбиқшудаистода, аз ҷумла фаъолияти Комиссияи байниҳукуматӣ бобати муайян кардани пешрафти мусбати ҳамкориҳои мо ва самтҳои нави шарикӣ нақши муҳим мебозанд.

Сафари давлатии Шумо бо Озарбойҷон, ки ба наздикӣ воқеъ гардид, дар таърихи муносибатҳои озарбойҷониву ӯзбекистонӣ саҳифаи нав кушод ва ба рушди ҳамаҷонибаи шарикии стратегии мо такони пурқувват бахшид.

Бовар дорам, ки мо барои таҳкими минбаъдаи муносибатҳои байнидавлатиамон, рушди самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои мо саъю кӯшиш мекунем, фаъолияти муштаракро дар доираи созмонҳои байналхалқӣ, бахусус Созмони давлатҳои туркӣ бомуваффақият идома медиҳем ва вусъат мебахшем.

Дар ин рӯзи хотирмон ба Шумо саломатии мустаҳкам, бахту саодат, дар фаъолияти Шумо комёбиҳо, ба мардуми бародари Ӯзбекистон сулҳу салоҳ ва шукуфоии абадӣ орзу менамоям.

Бо эҳтиром,

**Илҳом АЛИЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон**

***

**Ба Волоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович, бародари азиз!

Аз таҳти дил Шуморо бо ҷашни миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон – Рӯзи истиқлолият муборакбод мекунам.

Ба шарофати роҳбарии хуби Шумо ҷумҳурӣ муътамадона ба роҳи ислоҳоти фарогир, рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва таҳкими мавқеи худ дар арсаи байналхалқӣ пеш меравад.

Натиҷаҳои райъпурсии гузашта бобати ворид кардани тағйирот ба Сарқонун ва интихоботи президентӣ дурустии роҳи интихобнамудаи Шуморо барои бозсозии минбаъдаи Ӯзбекистон собит намуданд.

Шавкат Миромоновичи азиз, ба Шумо ва тамоми халқи бародари Ӯзбекистон сулҳу салоҳ, пешрафт ва барои муваффақ шудан ба ҳадафҳои пешгузошташуда комёбиҳо орзу менамоям.

Бо эҳтиром,

**Нурсултон НАЗАРБОЕВ,**
**Нахустин Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон**

***

**Ба Волоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Ҷаноби Президент!

Иҷозат диҳед аз номи худ ва аз номи ҳамватанони хеш ба Шумо ва халқи Ӯзбекистон ба муносибати ҷашни миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон муборакбодиҳои самимиро ирсол намоям.

Муносибатҳои байни Олмон ва Ӯзбекистон моҳҳои охир беш аз пеш, аксаран, ба шарофати сафарҳои зиёди сатҳи олӣ фаъолтар шуданд.

Мехостам ташрифи Шуморо ба Берлин, ки моҳи майи соли равон ба вуқӯъ пайвасту онро ман бо самимият ёд мекунам, махсус таъкид намоям. Бинобар ин хеле хурсанд мешудам, агар мо дар вақтҳои наздиктарин боз вохӯрем ва мулоқоти худро идома диҳем.

Фаъолтар кардани ҳамкориҳои олмониву ӯзбекистонӣ дар партави мушкилоти ҷиддии ҷаҳонӣ ҳамчун буҳрони иқлим бағоят муҳим мебошад.

Он чиз хурсанд мекунад, ки баъди аз нав интихоб шуданатон Шумо мехоҳед роҳи ислоҳоти ҳукумататонро идома диҳед, дар ин бобат ба Шумо комёбиҳои ҳамаҷониба орзу мекунам. Муътақид бошед, ки Олмон минбаъд низ Шуморо ҳамчун шарики худ дастгирӣ хоҳад кард.

Ба Шумо тамоми хушиҳо, ба халқи Ӯзбекистон ояндаи осуда, озодӣ, амният ва шукуфоӣ таманно дорам.

**Франк-Валтер ШТАЙНМАЙЕР,**
**Президенти Ҷумҳурии Федеративии Олмон**

***

**Ба Волоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам ҷаноби Президент!

Ба муносибати 32-юмин солгарди истиқлоли Ӯзбекистон бо хурсандӣ ба Шумо ва кулли мардуми Ӯзбекистон табрикоту орзуҳои беҳтарини бахту саодат ва шукуфоиро изҳор менамоям.

Ин санаи хотирмон барои мардуми Ӯзбекистон, мехостам самимияти Фаронсаро таъкид созам, рӯзи истиқлол, озодӣ ва ягонагии ҳудуди кишвари Шумо мебошад.

Соли равон ҳамчунин сисолагии Шартномаи дӯстӣ ва ҳамкории байни кишварҳои мо, ки 27 октябри соли 1993 имзо гардида буд, қайд мешавад. Аз он замон дӯстии байни Фаронсаву Ӯзбекистон хеле амиқ шуд, моҳҳои охир бошад, ин дӯстиро намоишгоҳҳои хуб дар Лувр ва Пажӯҳишгоҳи олами араб, ки ғановатмандии меросии фарҳангии Ӯзбекистонро намоиш доданду рағбати ҳамватанони моро нисбат ба Ӯзбекистон зиёд намуданд, хеле амиқтар сохтанд.

Аз дидани як қатор лоиҳаҳо бо иштироки ширкатҳои Фаронса, ба хусус дар соҳаҳои таъминоти об ва манбаъҳои нави энергия, хидмати коммуналӣ ва рушди сайёҳӣ хурсандам. Фаронса ҳамчунин ислоҳоти зиёди шуморо бо диққат муоина мекунад ва саъю кӯшишҳоятонро барои таҳкими волоияти қонун ва асосҳои демократии кишвари Шумо дастгирӣ менамояд.

Умедворам, ки рӯзҳои наздиктарин ба даъвати Шумо бобати ташриф ба Ӯзбекистон, то ки рушди шарикии азими моро дар сатҳи олӣ идома диҳем, метавонам ҷавоб гӯям.

Аз Шумо, муҳтарам ҷаноби Президент хоҳиш мекунам, эҳтироми самимитарини маро қабул фармоед.

**Эммануэл МАКРОН,**
**Президенти Ҷумҳурии Фаронса**

***

**Ба Волоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Аълоҳазрат!

Аз номи ҳукумат, халқи Ҳиндустон ва шахсан аз номи худ ба Шумо Волоҳазрат ба муносибати 32-юмин солгарди истиқлолияти Ӯзбекистон табрикоти самимӣ ва орзуҳои беҳтарини худро изҳор мекунам.

Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистонро риштаҳои таърихӣ, маданӣ ва фарҳангӣ мепайванданд. Ба манфиатдории тарафайни ҳамкорӣ барои сулҳу салоҳ, амният, пешрафту шукуфоии умумии минтақаи мо бовар дорам. Мо якҷо дар ин самт нақши ҳалкунанда мебозем. Ба шарофати мандати наве, ки халқи Ӯзбекистон ба Шумо дод, муносибатҳои мо аз нав ҷонноктар мешаванд.

Аз фурсат истифода бурда, ба Шумо, Волоҳазрат саломатии мустаҳкам, ба халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон сулҳу салоҳ ва шукуфоиву фаровонҳолӣ орзу менамоям.

Волоҳазрат, эҳтироми баландтарини маро қабул фармоед.

**Драупади МУРМУ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ҳиндустон**

***

**Ба Волоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Ба Шумо амонӣ, шафқат ва меҳру муҳаббати Оллоҳ бод.

Аз он ки ба Шумо, Аълоҳазрат, муборакбодии самимӣ ва орзуҳои беҳтарини моро ба муносибати Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ирсол менамоем, беадад хурсандем.

Ба Шумо, Волоҳазрат саломатии нек, ба халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешрафту шукуфоии минбаъда орзу менамоем.

Волоҳазрат, эҳтироми баландтарини маро қабул кунед.

**Салмон бин Абдулазиз Ал САУД,**
**Ходими ду муқаддасот,**
**Шоҳи Арабистони Саудӣ**

***

**Ба Волоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Барои ман бинобар Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Шумо Волоҳазрат ирсол кардани табрикоти самимӣ ва орзуҳои нек бахту саодати бузург аст.

Ба Шумо, Волоҳазрат, саломатии мустаҳкам ва бахту саодат, ба ҳукумат ва халқи дӯсти Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешрафти мустақиму шукуфоӣ таманно дорам.

Бо эҳтироми амиқ ва орзуҳои нек,

**Муҳаммад бин Зайд Ал НАҲАЁН,**
**Президенти Аморати Муттаҳидаи Араб**

***

**Ба Волоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам ҷаноби Президент!

Аз номи Ҷумҳурии Мисри Араб бо қаноатмандии бузург Шумо, Волоҳазрат ва халқи дӯсти Ӯзбекистонро бо солгарди Рӯзи истиқлол муборакбод мегӯям.

Миср робитаҳои хуби дуҷонибаи худро бо Ӯзбекистон, ки тӯли солҳои охир бомуваффақият пеш рафтанд, бағоят қадр мекунад. Кишварҳои мо ҳамеша муносибатҳои ҳамкориро, ки ба эътимоди тарафайн, суннатҳои умумӣ ва ҳамоҳангии доимии саъю кӯшиш дар соҳаҳое, ки ба онҳо ҳарду ҷониб рағбат доранд, такя мекунанд, дастгирӣ менамоянд.

Ҳамчунин мехостам таъкид созам, ки Миср ба таҳкими муносибатҳояш бо Ӯзбекистон чун бо шарики муҳиму бақадр дар Осиёи Марказӣ эътибор медиҳад ва самимона умедворам, ки мо роҳҳои таҳкими ҳамкориро дар тамоми сатҳҳо барои муваффақ шудан ба ояндаи беш аз пеш шукуфони халқҳоямон идома медиҳем.

Муҳтарам ҷаноби Президент, орзуҳои самимитарини маро нисбати Шумо, ҳамчунин пешрафти минбаъда ва шукуфоии халқи бародари Ӯзбекистон қабул фармоед.

Бо эҳтиром ва самимияти амиқ,

**Абдулфаттоҳ ас-СИСӢ,**
**Президенти Ҷумҳурии Мисри Араб**

***

**Ба Волоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Шумо, Волоҳазрат ва халқи дӯсту бародарро бо Рӯзи истиқлоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон самимона муборакбод менамоям.

Мавҷудияти умумияти фарҳангӣ ва ҳувиятҳои ҳаммонанд, ҳамчунин мубодилаи ҳайатҳои сатҳи олӣ дар пешрафт ва таҳкими ҳамкориҳои тарафайн нақши муҳим бозиданд.

Умедворам, ки ба шарофати саъю кӯшишҳои муштарак мо шоҳиди рушди минбаъдаи муносибатҳои байни ду мамлакат бобати таъмин сохтани манфиатҳои тарафайн ва мустаҳкам гардидани сулҳу салоҳ ва амният дар минтақа ва тамоми ҷаҳон мегардем.

Аз Худованд ба Шумо саломативу комёбиҳо, ба халқи Ӯзбекистон бошад, бахту саодат ва шукуфоӣ таманно дорам.

**Сайид Иброҳим РАИСӢ,**
**Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон**

***

**Ба Волоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам ҷаноби Президент!

Иҷозат диҳед аз таҳти дил орзуҳои беҳтарини худро ба Шумо, Волоҳазрат ба муносибати Рӯзи истиқлол – ҷашни миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон изҳор намоям.

Ӯзбекистон нафақат шарики муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Венгрия, балки дӯсти ҳақиқӣ низ ба шумор меравад. Муътақидам, ки саъю кӯшишҳои муштараки мо, ки ба амиқсозии ҳамкориҳои венгеру ӯзбекистонӣ нигаронида шудаанд, ба манфиати халқҳоямон хидмат мекунанд. Хурсандам, ки дар давраи сипаришуда мо имкон доштем чандин бор шахсан вохӯрем ва ман тавонистам Шумо, Волоҳазрат ва ҳамсари Шуморо дар шаҳри Будапешт хайрамақдам гӯям.

Шуморо бовар мекунонам, ки ҳукумати Венгрия минбаъд низ мулоқоти стратегиро дар сатҳи олӣ, ҳамчунин тамоми ташаббусҳоеро, ки ба мустаҳкам гардидани муносибатҳои дуҷонибаи мо мусоидат менамоянд, дастгирӣ хоҳад кард.

Ба Шумо дар кори масъулатон комёбӣ ва саломатии мустаҳкам орзу мекунам.

**Виктор ОРБАН,**
**Сарвазири Венгрия**

Ҳамчунин:
Президенти Ҷумҳурии Беларус
**Александр ЛУКАШЕНКО**,
Шоҳзодаи ворис, Раиси Девони Вазирони Арабистони Саудӣ
**Муҳаммад бин Салмон бин Абдулазиз АЛ САУД**,
Ноиб-президент, Сарвазири Аморати Муттаҳидаи Араб, ҳокими аморати Дубай
**Муҳаммад бин Рашид АЛ МАКТУМ**,
Ноиб-президент, муовини Сарвазир, вазири оид ба корҳои Президенти Аморати Муттаҳидаи Араб
**Мансур бин Зайд Ал НАҲАЁН**,
Амири Давлати Қатар **Тамим бин Ҳамад Ал ТАНӢ**,
Муовини Амири давлати Қатар
**Абдулло бин Ҳамад Ал ТАНӢ**,
Султони Уммон **Хейсам бин ТАРИҚ**,
Президенти Венгрия **Каталин НОВАК**,
Императори **Ҷопон НАРУХИТО**,
Президенти Ҷумҳурии Индонезия **Ҷоко ВИДОДО**,
Президенти Ҷумҳурии Сингапур **Ҳалима ЯҚУБ**,
Шоҳи Белгия **ФИЛИПП**,
Президенти Руминия **Клаус Гернер ЙОХАННИС**,
Президенти Ҷумҳурии Словения
**Наташа ПИРС МУСАР**,
Президенти Ҷумҳурии Чехия **Петр ПАВЕЛ**,
Президенти Давлати Фаластин **Маҳмуд АББОС**,
Президенти Федералии Конфедератсияи Швейтсария
**Алан БЕРСЕ**,
Президенти Ҷумҳурии Эстония **Алар КАРИС**,
Котиби генералии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил
**Сергей ЛЕБЕДЕВ**,
Котиби генералии Созмони ҳамкории Шанхай
**Чжан МИН**,
Котиби генералии Созмони давлатҳои туркӣ
**Кубаничбек ОМУРАЛИЕВ**,
Котиби генералии Созмони ҳамкории исломӣ
**Ҳусайн Иброҳим ТАҲА**,
Котиби генералии Созмони ҳамкории иқтисодӣ
**Хусрав НОЗИРӢ**
номаҳои табрикӣ ирсол кардаанд.

*Вуруди табрикномаҳо идома доранд.*

Ба пешвози соли хониши нав

# ҶАВЕ БАҲРА КАРДАН ЗИ КАСБИ ҲАЛОЛ...



Муаллима ба синф даромад. Хонандагони хурдсол ҳама аз ҷо хеста «Ассалому алейкум, устод!» гуфтанд. Муаллима баъди ҷавоби саломро гуфтан ба нишастан иҷозат дод.

– Бачаҳои азизи ман, кайфиятҳо чӣ хел?

– Аъло!

Муаллима дид, ки хурдсолон дар даст коғазчаҳои рангаи дар шакли «дилак» буридашуда доштанд, гуфт:

– Ин «дилак»-ҳо барои чӣ?

– Шумо мисли модарҷонамон ҳастед, шуморо аз таҳи дил дӯст медорем, – бо як овоз ҷавоб доданд бачаҳо.

– Ташаккур, шумоён низ дили ман, нури дидагони ман ҳастед. Ҳамаи шумоёнро дӯст медорам. Навбатчии имрӯза кист?

Духтараке аз ҷой хеста ҷавоб дод:

– Навбатчии навбатчӣ, ба ҳама дарс хабарчӣ,

Ба дарсҳои имрӯза, ҳама иштирокчӣ.

Навбатчии имрӯза, Мубинаи балоча!

– Хеле хуб, шумо афсонаро дӯст медоред?

– Ҳа!

– Ҳоло бо шумо афсонаи «Рӯбоҳ ва паланг»-ро бо усули «бумеранг» мегузарем. Афсонаҳо моро ба некӣ, инсонпарварӣ, ватандӯстӣ, меҳнат ҳидоят мекунанд...

Омӯзгори тоифаи олии мактаби миёнаи рақами 12-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё Латофат Исматова ҳар як дарси худро бо рӯҳи болида оғоз менамояд. Бо забони ширину меҳрубонӣ ва навозиш ба дили хонандаи кӯчак роҳ меёбад.

Таъкид намудан ҷоиз аст, ки дар ҳама замонҳо чунин омӯзгороне буданд, ки ба вазифаи шарафноки худ бо масъулият муносибат карда, ангуштнамои соҳаи маориф шудаанд.

Синфҳои ибтидоӣ пойдевори бинои мактаб, муаллими онҳо бошад, меъмори ҳамон бино мебошад, ки ба каҷу ростии он ҷавобгар аст.

– Омӯзгор пеш аз ҳама бояд кӯдаконро дӯст дорад, дар дилу зеҳни кӯчаки онҳо хислатҳои некиву ростгӯиро ҷой дода тавонад. Дар ин миён омӯзгор хуни дил мехӯрад, сиҳатии худро оҳиста-оҳиста аз даст медиҳад. Омӯзгор агар фарзанди мардумро мисли фарзанди худ дӯст надорад, дар дили шогирдон маъво пайдо кардан наметавонад, – мегӯяд Л. Исматова.

Азбаски ҳаёти чунин занони фарҳангдӯсту маорифпарвар, дурандеш ва сабур барои ҷавонон сабақи зиндагӣ аст, хостем аз пешаашон каме дур равему доир ба ҳаёти занони деҳот, шароити зисти имрӯзаи онҳо, одобу ахлоқи духтарон, ки модарони ояндаанд, суҳбат ороем. Бо ин мақсад бо муаллима суҳбат кардем.

Муаллима яке аз занони фаъоли маҳалла мебошад. Ба тӯю ид ва дигар маъракаҳои деҳа ӯро ҳамчун зани пурдида, маслиҳатгӯ чеғ мезананд.

– Дар таътил низ дар хона намешинам. Ба маҳалла баромада ба корҳои маънавию маърифатӣ бо ҷавонон, хусусан ҷавондухтарон, муносибати онҳо ба оила, аъзоёни он, эҳтироми якдигар суҳбатҳо мегузаронем. Имрӯзҳо мебинем ва ё тавассути саҳифаҳои иҷтимоӣ мешунавем, ки бархе аз ҷавонони имрӯз ба оила, муқаддасотии он хунукназарона рафтор мекунанд. Ҳаёт аз пастиву баландӣ иборат аст, ба ҳамаи ин бояд сабр кард. Рӯзгоре дар шароити вазнини зиндагӣ момоҳо ва модарони мо то 9, 10, 11 нафар фарзанд таваллуд карда, ба воя расондаанд, – мегӯяд муаллима.

– Бисёртар аз ҷониби ҷавонписарон, ки худро баъди издивоҷ «подшоҳи хона» ҳисобида, арӯсакро, ки ҳоло ба ин оилаи бегона, унс нагирифтаасту, ба хатоҳо роҳ медиҳад, дашном медиҳад, лату кӯб мекунад, воқеаҳои нохуш сар мезананд.

Дини мубини ислом дар хусуси эҳтиром ба зан нисбати дигар адён дастуроти зиёде дорад. Барои баланд бардоштани мартабаи зан ҳазрати Муҳаммад (с.а.в.) фармудаанд: «Ҳар касе аз уммати ман се духтар ё се хоҳарро дар тарбияи худ гирифта, ба онҳо некӣ бикунад, онҳо барои ӯ аз оташи дӯзах пардае мешаванд». Ҳар чизе, ки нозук аст, тарбияаш низ нозуку душвор аст. Тарбиятгарони ботарбия лозиманд, то аз ӯҳдаи ин кори масъулиятнок бароянд. Барои тарбиятгар сарчашмае лозим аст, то ҳамчун қутбнамо аз он истифода намояд. Сарчашмаи беҳтарин ҳадисҳои Қуръон, сипас фармудаҳои ҳакимон, сипас таҷрибаи рӯзгордидагон. Сифатҳое, ки духтар бояд дошта бошад, инҳоянд: «Мӯъмина, ростгӯй, босабр, худотарс, садақадиҳанда, шармгоҳи худро аз зино ҳифзкунандаву нигоҳдоранда». Дар ҳадис омадааст, ки Расули Худо (с) ба Оиша (р) фармудаанд: «Кореро, ки сабаби узроварӣ шавад, тарк намо!»

Дар ин ҷо гуфтаҳои муаллимаро тақвият бахшида, масале доир ба тарбия ба хотирам расид: Модасаге модашереро таъна зада гуфт: «Ман ба якборагӣ то ҳашт фарзанд ба дунё меораму ту беҳунар ҳамагӣ якто». Модашер дар ҷавоб гуфт: «Рост аст, ки ту ҳаштто, ман якто, аммо фаромӯш макун, ки ман шербача ба дунё меораму ту сагбача. Пас якеи ман аз ҳаштои ту беҳтар аст». Ин масал ба волидон меомӯзонад, ки як фарзанди хуб ва ботарбия беҳтар аст аз чандин нохалаф, ки ба роҳи бад рафтаанд.

Муаллима мегӯяд, ки бо ҳамдастии омӯзгорон, фаъолони маҳалла, занони пурдидаю рӯзгордида дар мактаб, маҳалла, ҷамъомаду маъракаҳои мардуми деҳа такрор-такрор оиди тарбияи ҷавонон, аз телефон дур кардан, ба китобхонӣ, меҳнат, кумак ба падару модар ҷалб намудани онҳо бояд зуд-зуд суҳбатҳо гузаронем.

Имрӯзҳо муаллима боз ҳам серкор аст. Ба оғози соли хониши нав рӯзҳои башумор мондаанд. Синфхонаҳо аз таъмир баромада, бо ҷиҳозҳои хониш таъмир гардиданд.

Латофат Исматова ҳар як дарси худро эҷодкорона ва шавқовар мегузарад. Ин аст, ки падару модарон ҳаракат мекунанд фарзанди якумхонакашонро ба дасти муаллима супоранд.

– Ман аз он ифтихор дорам, ки дар мактаб, маҳалла, кӯчаву гузар хурду калон даст рӯйи сина гузошта «Ассалому алейкум, муаллима» мегӯянд. Магар барои гиромидошти инсон аз ин зиёд бахт ҳаст?

Хусрави Деҳлавӣ фармудааст:

*Ҷаве баҳра кардан зи касби ҳалол,*
*Беҳ аз ганҷ бурдан ба ғасби вубол.*

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Дар сурат: Латофат Исматова** бо шогирдони худ.*

Пас аз ташрифи Президент

# МУТАСАДДИЁН ТАҶРИБАИ ОҚДАРЁРО ОМӮХТАНД

**Дар мактаби таълими умумии рақами 32-юми ноҳияи Оқдарё, ки 24-уми август Президент ташриф фармуд, бо иштироки ҳокимони шаҳру ноҳия, мутасаддиёни Садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят, мудирони шуъбаҳои минтақавии садорат семинар гузаронида шуд.**

Дар мактаби мазкур аз моҳи апрели соли ҷорӣ фаъолияти маҳфилҳои забони англисӣ ва франсузӣ, бозомӯзии 16 намуди касбу ҳунар ба роҳ монда шудааст.

– Дар мактаби мо ба сифати забони хориҷӣ забони англисӣ омӯхта мешавад, – гуфт директори мактаб Рустам Худойбердиев. – Донишомӯзон ба сифати забони дувум франсузиро интихоб карданд. Аз ин рӯ, маҳфили забони франсузиро ташкил кардем. Ба хонандагони мактаб аз синфи ҳафтум то синфи ёздаҳум ду забони хориҷӣ ва як касб омӯхта мешавад.

Нахуст меҳмонон бо фаъолияти курсҳои касбу ҳунари мактаб шинос шуданд. Дар курси дӯзандагӣ духтаракони синфҳои болоӣ кӯрпача, болин ва дастархон медӯхтанд. Роҳбари курс Ҳилола Ҷӯраева гуфт, ки маҳсулоти дӯхтаи хонандагон дар бозор фурӯхта мешавад.

Дӯзанда Умеда Раҳмонова бошад, ба духтарон дӯхтани ҷомаро меомӯзонад.

Дар мактаб ба писарбачаҳо сандалсозӣ, кулолӣ, кандакории чӯб, сартарошӣ, оҳангарӣ барин касбҳоро меомӯзанд.

– Хонандагон дар курси сандалсозӣ тарзи замонавии сохтани сандалро меомӯзанд, – гуфт директори мактаб. – Ҷиҳати муосирии онҳо дар он аст, ки дар сандалҳои пешина лахча андозанд, ин сандалҳо бо нерӯи барқ кор мекунанд. Гармӣ ба меъёри муқаррарӣ расад, дастгоҳи гармидиҳӣ ба таври автоматӣ хомӯш мешавад. Барои фурӯши сандалҳо дастури махсус таҳия гардида, сертификат гирифта шудааст.

– Барои сохтани як сандал 53 ҳазор сӯм медиҳам, – гуфт усто Нурбек Мелибоев. – Донишомӯзон дар як соат метавонанд як сандал созанд. Нархи ин сандалҳо дар бозор 700 ҳазор сӯм аст.

Бонувони маҳаллӣ дар зарфҳои сафолӣ ҷурғот тайёр карда, фурӯши онро дар шаҳри Самарқанд ба роҳ мондаанд.

– Ба сайёҳоне, ки ба шаҳри Самарқанд омадаанд, ҷурғотро бо зарфаш мефурӯшем, – гуфт Нигина Ҳамроқулова. – Маҳсулоти мо ба меҳмонони шаҳрамон хеле писанд гардидааст.

Дар мактаб донишомӯзоне ҳастанд, ки аз касби худ пул кор мекунанд. Дуруст, ки на ҳама хатмкунандагон ба муассисаҳои таълими олӣ дохил мешаванд. Ҷавононе, ки дар даст ҳунар доранд, пас аз ба ҳаёти мустақил қадам гузоштан метавонанд фаъолияти тадбиркории худро ба роҳ монанд.

Боргоҳи таълимӣ озода ва хуб таъмир карда шудааст. Бахусус, китобхонаи мактаб ба меҳмонон таассуроти хуб гузошт.

– Дар бойгонии китобхонаи мактаб мавҷудияти 25 ҳазор китобро шунида, хурсанд шудам, – гуфт ҳокими ноҳияи Ҷомбой Қаюм Собиров. – Худам ҳам ба ин мактаб китоб тӯҳфа кардам. Шароитҳои мактабро дида, ният кардам, ки дар мактабҳои дурдасти ноҳияи худамон ҳам барои донишомӯзон чунин имкониятҳоро фароҳам менамоем. Набояд фаромӯш кард, ки эътибор ба соҳаи таълим, ин пойдеворӣ оянда аст.

Дар семинар муқаррар карда шуд, ки дар даҳтоӣ мактаби ҳар як шаҳру ноҳия зина ба зина чунин курсҳои касбомӯзӣ ташкил карда мешаванд. Ба онҳо бо дарназардошти шароити маҳаллии минтақа касбу ҳунарҳое, ки эҳтиёҷ бештар аст, омӯхта мешавад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**



# ҲАРБИЁН СОҲИБИ ХОНА ГАРДИДАНД

**Иди 32-солагии Мустақиллияти Ӯзбекистон дар саросари кишвар бо шукӯҳу ҷалол таҷлил мегардад. Ба ин муносибат дар ҷойҳо иншоотҳои саноатӣ, биноҳои маъмуриву истиқоматӣ бунёд ёфта, ба истифода супорида мешавад.**

Чунин як туҳфа ба иди истиқлол бинои истиқоматие, ки барои ҳарбиён дар шаҳри Тирмиз бунёд ёфтааст, дар арафаи ид супорида шуд. Яъне, 100 нафар ҳарбиён бо хонаҳои наву шинами дорои ҳамагуна шароит таъмин карда шуданд. Ба ин муносибат тадбири хотирмоне созмон ёфт ва дар он хидматчиёни ҳарбӣ, аҳли оилаи онҳо, офитсерону сержантҳо, нафақахӯрони ҳарбии Вазорати мудофиа, нурониён ширкат варзиданд. Хурсандии соҳибони хонадон ҳадду канор надошт. Ҳокими вилоят Улуғбек Қосимов ба сухан баромада, соҳибони хонадонро табрик гуфт ва ба хонадонашон амну осоиштагӣ, дар роҳи мудофиаи халқу Ватан ба онҳо омад хост. Тадбир ба як иди ҳақиқӣ табдил ёфта, барномаҳои мусиқӣ хотири ҳозиринро шоду масрур сохт.

Ҳамчун маълумот ёдрас мекунем, ки бинои мазкур аз тарафи «Сурхон саноат қурилиш» ва ҶММ «Monolith dom service» бунёд ёфта, қиммати умумияш 9,3 млрд. сӯмро ташкил мекунад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

Соли гиромидошти инсон ва сифати таълим

# САНГИ АСОСИ РУШД – ИЛМУ МАЪРИФАТ

*Агар муаллим барои эҳёи тафаккури насли наврас хидмат намекард, зиндагӣ як лаҳза ҳам пеш намерафт.*

***(А. С. МАКАРЕНКО).***

**Муҳимтарин ҳадаф ва вазифаҳое, ки дар назди кишвари мо истодааст, ворид шудан ба сафи давлатҳои демократии пешрафтаи ҷаҳон, бунёди зиндагии озоду обод барои мардум аст. Бояд насли доною тавоноеро, ки ба донишу истеъдоди худ такя мекунад, аз ҳеч кас кам нест ва аз ӯҳдаи ҳар кори пуршараф мебарояд, тарбия кард. Санги асоси рушд ва неруе, ки кишварро тавоно ва миллатро бузург мегардонад, илму маърифат аст.**

Асри XXI асри мутахассисони дорои неруи баланди зеҳнӣ, донишу малакаи баланд, ҷаҳонбинии нав ва тафаккури мустақил аст. Маҳз бо ҳамин мақсад дар Ӯзбекистон барои рушди ҳамаҷонибаи сохтори таълим ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос қувваю маблағи зиёд равона карда мешавад. Бемуболиға, ҳар як дастоварди кишвари мо ба пешрафти илму маърифат ва фидокории устодону мураббиён алоқаманд аст. Тавре ки Сарвари давлатамон таъкид кардааст, «Мо бояд ҷомеаеро бунёд кунем, ки дар он омӯзгорӣ яке аз касбҳои бонуфузтарин бошад. Ҷомеае, ки омӯзгорро гиромӣ медорад, албатта, ба мақсади худ мерасад»

Омӯзгор соҳиби касби пуршарафест, ки насли ҷавонро ба қуллаҳои баланди дониш раҳнамун месозад.

*Ҳар киро устод набвад кор бар бунёд нест,*
*Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест.*

Ин сатрҳо гӯё ба омӯзгори фидоӣ Назира Охунҷонова бахшида шудаанд. Ӯ яке аз муаллимонест, ки таҷрибаи калони педагогӣ, дониши кофӣ дошта, имрӯз ҳамчун зани фаъол, ташаббускор дар пешрафту ободии кишвари соҳибистиқлол ҳиссагузор аст. Фарзандону шогирдонро дар роҳи расидан ба мақсад – фардои дурахшон ҳидоятгар аст. Ӯ соли 1973 дар маҳаллаи Чорбоғи ноҳияи Косонсойи вилояти Намангон таваллуд ёфтааст.

Соли 1990 ба Донишгоҳи давлатии Хуҷанд бо имтиёз дохил шуда, соли 1995 онро хатм кардааст. Худи ҳамон сол дар мактаби таълими ҳамагонии рақами 8-уми ноҳияи Косонсой фаъолияти педагогиашро сар кард.



***Дар сурат: Назира Охунҷонова** бо шогирдаш.*

– Дар камолёбии мо дар ҳаёт ва фаъолияти педагогӣ ҳиссаи устодамон – Муаллими хидматнишондодаи Ӯзбекистон Усмонхон Хайриддинов калон аст, – мегӯяд Назира Охунҷонова.

Дар мактабамон анъанаи устодиву шогирдӣ ба роҳ монда шудааст. Шогирдонам Тилобат Абдумаҷидова, Нигора Хайриддинова, Одина Темирова, Рисолат Абдуқаҳҳорова ва Носирхон Дадахоновҳо аз пешқадамонанд.

Назира Охунҷонова соли 2007 дар озмуни ҷумҳуриявии «Муаллими сол» иштирок намуда, ҷойи аввалро ишғол намуд ва ба унвони Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон сазовор гардид. Дарсҳои Н.Охунҷонова намунаи ибрат аст. Тӯли солҳо муаллима софдилона меҳнат карда, бо такя ба худу таҷрибаи устодон корро ба роҳ монд. Ӯ дар кори таълиму тарбия на вақт ва на қувваи худро дареғ медорад, таҷрибаи худро бо ҳамкасбонаш ба ҳам мебинад. Кору фаъолияти ӯ ба сифати ҷонишини директор оид ба корҳои таълим шоистаи таҳсин аст.

– Мактабамон дар ноҳия яке аз мактабҳои пешқадам буда, ҷамъ 1855 хонандаро дар бар мегирад. Он ба фанҳои хориҷӣ ва касбомӯзӣ ихтисосонида шудааст. Дар Соли гиромидошти инсон ва сифати таълим тарбияи насли наврас дар маркази эътибори давлатамон қарор дорад, – таъкид кард Н.Охунҷонова. – Пурзӯр намудани эътибор ба забони модарӣ, ки рамзи худшиносии миллӣ ва пояи маънавияти мост, яке аз масъалаҳои муҳим мебошад. Донистани забони хориҷӣ, саводнокии компутерӣ, шавқу ҳавас ба касбу ҳунар, ташаккул додани тафаккури озод дар ҷавонони боистеъдод вазифаи муҳим зикр гардидааст. Имрӯз, ки технология босуръат рушд меёбад, хонандагон имкон доранд ба ҳамаи маводи таълимӣ дастрасӣ пайдо кунанд. Барномаҳои мактабӣ дар заминаи барномаҳои таълими байналмилалӣ куллан ислоҳ гардида, барои таҳияи китобҳои дарсӣ ва ҷорӣ намудани андозаву усулҳои пешрафтаи таълим лабораторияҳои алоҳидаи илмӣ таъсис дода шудаанд. Яке аз вазифаҳои асосии мо дар соли 2023 баланд бардоштани сифати таълим дар мактаб ва обрӯйи омӯзгор дар ҷомеа аст, ки дар ин ҷода бисёр корҳо амалӣ мегарданд.

Хонандагони мактаб аз рӯйи «5 ташаббус» ғолиби озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва 1 нафар дар озмуни «Китобхони беҳтарин» сазовори ҷойи фахрӣ гардид.

– Моҳи феврал сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода ба мактаби мо ташриф оварданд. Ин ташриф аз оғоз то анҷом хотирмон гузашт. Сафир ба хазинаи китобхонаи мактаб китобҳои бадеӣ тақдим намуданд, – мегӯяд бо арзи сипос муаллима.

Мактаби мо, инчунин, дар лоиҳаҳои «Опен буҷа» ду бор ғолибиятро ба даст даровард, бо воситаҳои таълимӣ, тахтаҳои электронӣ, компутер, ҷиҳозҳои ошхона ва панелҳои офтобӣ таҷҳизонида шуд. Дар соли хониши 2022-2023 20 нафар хонандагони мо пеш аз мӯҳлат ба донишгоҳҳо дохил шуданд. Семинар ва дарсҳои намунавӣ дар миқёси вилоят гузаронида шуд, ки ин натиҷаи меҳнати муаллимони фидоӣ аст, – мегӯяд директори мактаб Каримахон Аббосхонова.

Тавре ки Сарвари давлатамон таъкид кардааст, «Агар дар мактаб усули таълим тағйир наёбад, сифат, мазмун ва муҳити таълим низ тағйир намеёбад». Чун ҷаҳону муҳити мо тағйир меёбад, мо низ бояд тағйир ёбем. Дар кор бо насли наврас омӯзгорон бояд сифатҳои шахсӣ ва касбӣ дошта бошанд, ки дар барқарор кардани робита бо хонандагон мусоидат мекунад.

Муаллими муосир бояд аз таҷриба натарсад, шаклу усулҳои нави корро ҷустуҷӯ кунад, ахлоқи ҳамида ва мавқеи худро дошта бошад. Имрӯз дар кишварамон барои баланд бардоштани сифати таълим ва рағбатноксозии омӯзгорон як қатор чорабиниҳо роҳандозӣ шудаанд. Муаллимон аз меҳнати маҷбурӣ озод карда шуданд. Ҳоло болоравии музди меҳнати муаллим дар чаҳорчӯби имкониятҳо ҷараён дошта, ба гуфти Президент ба 1000 доллар расонида мешавад.

Дар мактаби мазкур низ ба омӯзгороне, ки сертификатҳо оид ба забонҳои хориҷӣ ва фанҳои умумитаълимӣ доранд, иловапулӣ дода мешавад. Ин таваҷҷӯҳи ҳамешагист, ки омӯзгор дар ҷомеаи мо сол то сол ҷойгоҳу мақоми шоистаи худро пайдо мекунад.

**Махфират МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.

Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-925.
Адади нашр 4575 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.

1 2 3 4 5 6

ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 03.40

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.